*Ба Шӯрои диссертатсионии 6D.КОА-029 назди*
*Донишгоҳи (Славянии) Россия ва Тоҷикистон*
*ш. Душанбе, кӯчаи М. Турсунзода, 30*

# ТАҚРИЗ

**ба автореферати диссертатсияи Навруз Носирӣ дар мавзӯи "Рушди системаи идоракунии фаъолияти инноватсионӣ дар КАС-и минтақа (дар маводи вилояти Хатлон)" барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯи ихтисоси 08.00.05 - Иқтисодиёт ва идоракунии хоҷагии халқ: иқтисодиёт, ташкил ва идоракунии корхонаҳо, соҳаҳо, комплексҳо (идоракунии инноватсияҳо)**

Яке аз самтҳои муҳими рушди комплекси агросаноатии кишвар ва минтақаҳои он ин таҳкими асосҳо ва такмили унсурҳои рушди фаъолияти инноватсионӣ ба ҳисоб меравад. Дар баробари ин татбиқи ҳадафи стратегии рушди миллӣ – таъмини амнияти озуқаворӣ ва дастрасии аҳолӣ ба маҳсулоти хушсифатӣ ғизоӣ низ тақозо мекунад, ки дар ин самт бояд дастовардҳои ниҳоии илму техникӣ ва қарорҳои инноватсионӣ татбиқ карда шаванд. Вобаста ба ин дар самти рушди фаъолияти инноватсионӣ дар кишвар як қатор мушкилиҳо мавҷуданд, ки ҳалли онҳо бояд дар сатҳи соҳа ва минтақа оғоз гардад. Бо такя ба гуфтаҳои боло ва зарурати ҳалли мушкилоти ҷойдошта мавзӯи рисолаи диссертатсионӣ дорои аҳамияти муҳими назариявӣ ва амалӣ мебошад.

Таҳлили автореферат нишон медиҳад, ки ҳадафи тадқиқот, вазифаҳо ва объекту предмети он дуруст муайян карда шуда, муаллифи рисола тавонистааст масъалаҳои дар наздаш гузошташударо ҳал намояд. Нуктаҳои зеринро метавон ба сифати ҷиҳатҳои мусбӣ ва дастовардҳои назаррасӣ муаллиф қайд намуд:

- моҳияти иқтисодии инноватсияҳо ва фаъолияти инноватсионӣ муайян гардида, асосҳои назариявии фаъолияти инноватсионии хоҷагиҳо, корхонаҳо ва ташкилотҳои комплекси агросаноатӣ бо назардошти ҳамгироии илми аграрӣ ва агробизнеси инноватсионӣ тараққӣ дода шудааст;
- воситаҳои баҳодиҳии самаранокии низоми идоракунии фаъолияти инноватсионии корхонаҳои кишоварзӣ коркард шудааст;
- шаклҳои асосии дастгирии давлатии фаъолгардонии фаъолияти инноватсионӣ коркард шудаанд;
- алгоритми идоракунии марҳилавии ҷараёни сармоягузории рушди инноватсионии корхонаҳои кишоварзӣ коркард шудааст, ки механизми инвеститсионияш тамоюли инноватсионӣ дошта, ба самтҳои афзалиятноки рушди КАС-и минтақа нигаронида шудааст;

- маҷмӯи самтҳо ва чораҳо оид ба баландбардории натиҷанокии рушди системаи идоракунии фаъолияти инноватсионии корхонаҳои комплекси агросаноатии вилояти Хатлон пешниҳод шудаанд.

Дар баробари ин зимни тадқиқи мавзӯъ зернизоми идоракунии фаъолияти инноватсионии корхона ва таркиби он (расми 1, с 10.) ва қонуниятҳои умумии ба ҷараёни инноватсионӣ таъсирбахш (Нақшаи 2, с.11) ба таври возеҳ коркард шудааст, ки саҳми муаллифро дар тақвияти назарияҳои ҷойдошта нишон медиҳад.

Дар маҷмуъ, бо такя ба маълумоти дар автореферат овардашуда, дар қисматҳои алоҳидаи рисола масоили мубрами такмили системаи идоракунии фаъолияти инноватсионӣ дар комплекси агросаноатии минтақа баррасӣ гашта, тавсияҳои асоснок коркард ва пешниҳод шудаанд.

Қобили қайд аст, ки дар баробари ҷиҳатҳои мусбӣ дар автореферат баъзе норасогиҳо низ дида мешавад. Аз ҷумла, муаллиф пешниҳод мекунад, ки инфрасохтори инноватсионии минтақа рушд дода шавад, вале чи гуна, бо кадом роҳ ва бо истифода аз кадом сарчашмаҳои маблағгузорӣ мушаххас нашудааст. Эроди мазкур арзиши назариявӣ ва амалии кори анҷомшударо коста намегардонад.

Ҳамин тавр, дар асоси баррасии автореферат метавон хулосабарорӣ намуд, ки диссертатсияи Навруз Носири дар мавзӯи "Рушди системаи идоракунии фаъолияти инноватсионӣ дар КАС-и минтақа (дар маводи вилояти Хатлон)", ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ пешниҳод шудааст, ба талаботи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯ буда, муаллифи он сазовори дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯи ихтисоси 08.00.05 - Иқтисодиёт ва идоракунии хоҷагии халқ: иқтисодиёт, ташкил ва идоракунии корхонаҳо, соҳаҳо, комплексҳо (идоракунии инноватсияҳо) мебошад.

Доктори илмҳои иқтисодӣ,
профессори кафедраи таҳлили
иқтисодии Донишгоҳи давлатии
молия ва иқтисоди Тоҷикистон Қудратов Р.Р.

*Имзои д.и.и., профессор Р.Р.Қудратовро тасдиқ менамоям.*

Сардори ШК ва КМ ДДМИТ Раҷабов Б.С.

ШӮЪБАИ КАДРҲО
ОТДЕЛ КАДРОВ

*Суроға: 734067, ш. Душанбе, кӯчаи Нахимов 64/14, tgfeu@tgfeu.tj. Тел.: 2310201.*